**“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”**
Ректори МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” доктори илмҳои таърих, профессор
___________Усмонзода Аюб Ислом
“_05_” _09. 2024_

# ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ба диссертатсияи Азиззода Рухсора Назир дар мавзуи «Асосҳои иҷтимоӣ – педагогии омода намудани писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05. – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

**Муҳиммияти мавзуи таҳқиқот.**

Дар шароити имрӯзаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ муаммоҳои шароити ташаккул ва амалигардони вазифаю масъулияти падарӣ ҳамчун фаъолияти тарбиявӣ аҳамияти махсус пайдо мекунанд. Ҳалли ин муаммо ба омилҳои зиёд, пеш аз ҳама, ба сатҳи ташаккулёбии қобилияти шахсияти писарон ҳамчун сарвари ояндаи оила пайвастагӣ дорад. Аз ин лиҳоз, омодагии муайяни психологӣ ба падарӣ ҳолати даркнамоиро ҳамчун имконияти идоракунии фаъолияти тарбиявии худ, пешбинии натиҷаҳои он дар асоси донишҳо, ба таври мувофиқ баҳогузорӣ ва арзишмандии онҳо, инчунин ба дигарон омӯзонидани дониш оид ба амали дуруст ва самаранок тасниф намудан мумкин аст.

Ба ақидаи муаллиф таҷрибаҳои корӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ нишон медиҳанд, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ омодагии муайяни психологӣ – педагогии писарон ба ҳайси падарӣ аҳамияти хоса дода намешавад. Илова бар он муаллиф дуруст қайд

менамояд, ки нуксонҳои тарбияи оилавӣ аз сатҳи пасти рушди шахсӣ ва умумифарҳангии волидайн, махсусан падар, камсаводии педагогӣ ва равонии онҳо, нопуррагии сохтори оила, фазои носолими оилавӣ ва номуташаккилии ҳаёти оилавӣ бармеояд.

Аз ин ҷиҳат, мавзуи интихоб намудаи Азиззода Рухсора Назир дар мавзуи « Асосҳои иҷтимоӣ – педагогии омода намудани писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ» мубрам арзёбӣ шуда, маҳз муайян кардани асосҳои илмӣ – назариявӣ ва коркарду пешниҳоди методҳои муассиртарини омода намудани писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ ҳадафи асосии рисола маҳсуб меёбад.

Рисолаи мазкур аз муқаддима, ду боб, хулосаи бобҳои алоҳида, хулосаи асосӣ ва феҳристи адабиёти таҳқиқӣ иборат аст.

Муаллифи рисола дар муқаддима оид ба мубрамии масъалаи мазкур, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои тадқиқот, усули пажӯҳиш ва сарчашмаи мавод, навовариҳои он, аҳамияти назариву амалии рисола, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркарду татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот мулоҳизаронӣ кардааст.

Дар боби якум, ки «Асосҳои илмӣ - амалӣ ва педагогӣ – психологии тарбияи писарҳо дар ҷомеаи муосир» номгузорӣ шудааст, масъалаҳои тарбия ва ба ҳаёти оилавӣ, зиндагӣ омода намудани писарҳо дар педагогикаи халқи тоҷик; консепсияи тарбияи писарҳо дар педагогикаи халқи тоҷиқ ва омилҳои иҷтимоӣ – педагогии омодагии писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ таҳқиқ гардидаанд.

Дар боби мазкур муаллифи рисола вобаста ба раванди иҷтимоигардӣ, яъне азхуднамоии маҳорату малакаҳои зиндагӣ дар ҷомеа ва қабули мукаррарот, ки бо иҷрои накшҳои иҷтимоӣ алоқаманд мебошанд, андешаронӣ намудааст. Вобаста ба калонсолон тақлид намудани кӯдак, интихоби накшҳо ва тарҳҳои рафтори имконпазир, ки ба ҷинси ӯ мувофик аст, аз ҷониби муаллиф фикру андешаҳо оварда шудааст. Инчунин қайд шудааст, ки дар таҳқиқотҳои илмӣ соҳаи педагогика омода намудани

ҷавонписарон ба иҷрои нақши иҷтимоии падарӣ самти нави илмӣ буда, онҳо ба таври зарурӣ коркард нашудаанд. Оид ба тарбияи писарон ва духтарон таҳқиқотҳо мавҷуданд, лекин оид ба хусусиятҳои таълими омода намудани онҳо  ба иҷрои нақши иҷтимоӣ- падар ва модар будан дар Тоҷикистон таҳқикотҳо вуҷуд надоранд. Вазъият чунин аст, ки олимон оид ба педагогикаи «беҷинс» ҳарф мезананд. Дар таҳқиқотҳои психологӣ, фарҳангшиносӣ, сотсиологӣ масъалаҳои мазкур аз нигоҳи хусусиятҳои ҷинсӣ – гендерӣ  зиёдтар мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар боби мазкур  барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёна вазифаҳои ба ҳаёти оилавӣ тайёр кардани писарони наврас т ҳамаҷониба таҳлил гардида ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии он муайян карда шудаанд. Аз ҷониби муаллиф кайд шудааст, ки дар барнома ҷорӣ намудани мавзуи «Оила ва маънии он», баргузории суҳбатҳо оид ба эҳтироми бобою бибӣ, падару модар, бародару хоҳарон, баргузории ҷашнҳои миллӣ ва чорабиниҳои анъанавии миллии оилавӣ пешбинӣ шудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия, ки  «Технологияи омода намудани писарҳо ба ҳаёти оилавӣ ва иҷрои вазифаи падарӣ » ном дорад, масъалаҳои заминаҳои иҷтимоӣ-психологӣ ва педагогии шаклдиҳии омодагии ҷавонон ба нақши падарӣ; истифодаи арзишҳои маънавӣ дар тарбияи писарҳо ва омода намудани онҳо ба нақши падарӣ ва ҳамкории оила ва муассисаҳои таълимӣ дар тарбияи писарҳо ва иҷрои вазифаи падарӣ ҳаллу фасл гардидаанд.

Муаллиф дар ин боби рисола андеша рондааст,  ки моҳияти падарӣ ҳамчун фаъолияти тарбиявӣ, аз нуктаи назари равоншиносон, хусусиятҳои хоси худро дорад, ки асосан, дар тарбияи кӯдакони ҷинсҳои мухталиф ва синну соли гуногун зиёдтар зоҳир мегарданд. Тафовут бо он нақше, ки падар дар ҳаёти писар ва духтари худ мебозад, алоқаманд аст. Дар аксарияти оилаҳо падарон на ба писарон ва на ба духтарон сахтгиранд ва духтарон бо шавқу ҳавас падарро гӯш мекунанд, маслиҳатчӣ мегарданд, ки чунин ҳолатҳо хеле кам вомехӯранд.

Ташкилнамоӣ ва амалинамоии корҳои таҷрибавӣ - озмоишӣ дар ду марҳила ва дар гурӯҳ ба роҳ монда шуданд: ташаккулдиҳанда ва назоратӣ. Бо мақсади таъмини ташхиси ҳамкории волидайн бо муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар самти тарбияи писарон ва омода намудани онҳо ба тарбияи фарзанд ва иҷро намудани нақши падарӣ нишо ндиҳандаҳо ва методҳои алоҳида интихоб ва коркард карда шудаанд.

Корҳои озмоишӣ тариқи пурсишномаҳо, гузаронидани дарсҳои назоратӣ, суҳбатҳо бо гуруҳҳои алоҳидаи хонандагон, волидайн, омӯзгорон гузаронида шудааст.

Натиҷаҳои боэътимод, хулосаҳои назариявӣ ва асоснокии корҳои озмоишӣ, ки аз тарафи муаллифи рисола басо дар сатҳи зарурии пойгоҳи илмӣ ба даст оварда шудааст ва аз моҳияти баланди арзишманди илмӣ доштани диссертатсияи тақризшаванда гувоҳӣ медиҳад.

***Навгонии илмии таҳқиқот, натиҷаҳои ба даст омада, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия ифода ёфтаанд.***

Навгонии илмии таҳқиқот дар нуктаҳои зерин ифода ёфтаанд:

1. Масъалаҳои мухталифи тарбияи писарон ба ҳаёти оилавӣ ва омода намудани онҳо дар педагогикаи муосир ба таври маҷмуавӣ баррасӣ гардида, дар ин самт проблемаҳои ҷойдошта муайян карда шудаанд. Ҷанбаҳои гуногуни педагогикаи халқӣ, ҷойгоҳи тарбияи писарон дар он ба таври мушаххас мавриди омӯзиш ва баҳогузорӣ қарор дода шудаанд;

2. Ба таври маҷмуавӣ афкори мутафаккирони тоҷику форс дар доираи педагогикаи халқи тоҷик доир ба тарбияи писарҳо мавриди омӯзиш, баррасӣ ва баҳогузорӣ қарор дода шуда, нақши онҳо дар тарбияи писарон ошкор карда шудааст;

3. Омилҳои иҷтимоӣ - педагогии омодагии писарон ба ҳаёти мустақилона ва иҷрои вазифаи падарӣ дар оила ба таври умумӣ таҳқиқ шудааст. Илова бар ин, ба таври маҷмӯавӣ проблема ва монеаҳои ҷойдошта муайян карда шуда, роҳҳои ҳалли онҳо мавриди ҷобагузорӣ ва таҳлил гардиданд;

4. Заминаҳои психологӣ – педагогии тарбия ва омодагии писарон ба нақши падарӣ дар шароити муосир ошкор гардида, ҳолатҳои самаранок гардидани чунин тарбия ва омоданамоӣ бо таҳлилҳои мушаххас муайян карда шудаанд;

5. Истифодаи арзишҳои маънавӣ дар тарбияи писарон ба таври маҷмуавӣ омӯхта шуда, нақши онҳо дар ин раванд бо таҳлилҳои мушаххас ошкор карда шудааст;

6. Ҳамкории оила ва муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар тарбияи писарҳо баҳогузорӣ карда шуда, зарурати чунин ҳамкорӣ дар самаранок гардидани раванди тарбияи писарон ошкор ва пешниҳод гардидааст..

Дар нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодшудаи муаллиф ба таври пурмаъно моҳияти консепсияи мазкур дарк карда мешавад. Ба таври умум, консепсия ба қадри кифоя мувофиқ карда шудааст ва эроди ҷиддиро талаб намекунад. Мазмуни асосии он дар бобҳои диссертатсия густурда шуда, мантиқи ифодагардии маводҳои назариявӣ ва тавсифи таҳқиқоти эмпирикиро муайян кардааст. Мантиқи мазкури таҳқиқот ба дарки мавқеи ишғолкардаи илмии муаллиф ва фаҳмидани гояи асосие, ки ҳамчун пояи базавии коркарди консепсияи педагогии муаллиф гузошта шудааст имконият медиҳад.

Қобили қайд аст, ки аз ҷониби муаллифи рисола дар раванди таҳқиқи мавзуи пажӯҳишаванда як қатор таҳлилҳо ва хулосаҳои ҷолиби назар оварда шудаанд. Андешаронии муаллифи рисола дар бораи он. ки зарурияти тарбияи писарҳо, омода нмудани ба иҷрои нақши падару модарӣ падидаи мураккаби иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва психологӣ-педагогӣ буда, барои ифода намудани ҷинс дар ҷомеаи муосир ҳамчун хусусиятҳои фарққунандаи тафаккурӣ ва эҳсосотии байни мард ва зан, муташаккилии муносибатҳои байни мард ва занро дарбар мегирад, хеле асоснок ва қобили қабул аст.

Муаллифи рисола Азиззода Рухсора Назир дар ҷараёни таҳлили маводи бисёр ва пурарзиши гирдовардааш барои эътимод бахшидан ба

андешаронии хеш бо осори таҳқиқии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ такя намуда, дар мавридҳои зарурӣ аз маъхазҳои гирдовардааш иқтибосҳо овардааст.

Таъкид кардан бо маврид аст, ки ҷанбаи илмии рисола қавӣ буда, рисоланавис барои таълифи пажӯҳиши мазкур аз осори таҳқиқии зиёди муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ истифода кардааст.

Рисола бо забони хуби илмӣ навишта шуда, баёнгари он аст, ки унвонҷӯй дар атрофи мавзӯи интихобнамудааш аз оғози тадқиқоташ то охир ҷиддан таҳлили кори илмӣ бурдааст.

Ба хотири амиқ дарк кардани моҳияти масъала, унвонҷӯй дар рисолаи хеш дувоздаҳ ҷадвалу нақшаҳоро ҷой додааст.

***Дар рисола ҳангоми тақриз баробари муваффақиятҳои зиёд баъзе нуктаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд, ки ислоҳи минбаъдаи онҳо, боиси боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати кори илмӣ хоҳад буд.***

1. Дар ҳолати дар диссертатсия коркарди бештари назарияҳои олимони ватанӣ вобаста ба муаммои таҳқиқшаванда ҷой дода мешуд, асосҳои назариявии муаммои таҳқиқшаванда боз ҳам қавитар мегардид.
2. Агар дар рисола доир ба муаммо ва мушкилоти мавҷудаи омода намудани писарҳо ба иҷрои нақши падар ва роҳҳои бартараф намудани онҳо бештар маълумот дода мешуд, сифати рисола боз ҳам болотар мегардид.
3. Хуб мешуд, ки дар рисола таҷрибаҳои пешқадами баъзе муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оиди омода намудани писарҳо ба иҷрои нақши падар ҳамчун намунаи пайравӣ оварда мешуданд.
4. Дар баъзе саҳифаҳои рисола хатоҳои имловию техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо бар фоидаи кор аст.

Эродҳои овардашуда ҷузъӣ буда, ба сифати рисола таъсири манфӣ намерасонад.

***Аҳамияти амалии таҳқиқот*** дар он зоҳир мегардад, ки маводҳои онро метавон ҳамчун васоити методӣ барои тарбияи писарон ва инчунин, дар

муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии омӯзгорӣ ба сифати маводи иловагӣ дар омӯзиши фанҳои блоки психологӣ – педагогӣ истифода намуд. Ҳамчунин, дар рисола тавсияҳои методӣ оид ба тарбияи писарон ва маводҳои ташхисӣ барои ошкор намудани мушкилиҳои мавҷудаи тарбияи писарон коркард шудаанд, ки дар раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва низоми таҳсилоти иловагӣ истифода гардиданашон ба манфиати кор мебуд.

**Хулоса**

Мундариҷаи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 13.00.05 – назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ – иҷтимоӣ (13.00.05.03 – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мутобиқ аст.

Мазмуну муҳтавои рисола бо фишурдаҳои он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидаанд, мувофиқати комил дошта, мундариҷаи корро якҷоя бо мақолоти таълифнамудаи муаллиф, ки дар маҷмуъ фарогири 9 ададанд, пурра инъикос мекунанд.

Диссертатсияи Азиззода Рухсора Назир дар мавзуи «Асосҳои иҷтимоӣ – педагогии омода намудани писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05. – назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ – иҷтимоӣ (13.00.05.03 – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) таҳқиқоти мустақилона анҷомёфта ҳисобида шуда, ба талаботҳои Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст ҷавобгӯ буда, муаллифи он, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05. – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ – иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) сазовор мебошад.

Тақриз аз тарафи доктори илмҳои педагогӣ, профессор Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович омода карда шудааст.

Диссертатсия дар семинари илмӣ – назариявии кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсус бо иштирок ва баромади унвонҷӯ Азиззода Рухсора Назир баррасӣ ва муҳокима гардида, тақризи мазкур тасдиқ карда шуд. (Қарори №1 аз 4 сентябри соли 2024). Тарафдор – 19 нафар, зид – нест, бетараф – нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Роҳбари семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбӣ, номзади илмҳои педагогӣ — Ҳошимова Г.Г.

Эксперт, доктори илмҳои педагогӣ, профессор — Шаропов Ш.А.

Мудири кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент — Ализода Ш.

Котиби ҷаласа — Ғафорова С.П.

**Маълумот барои тамос:** 735700. ш.Хуҷанд, гуз.Мавлонбеков 1.
Телефон 92-6245002.

04. 09. 2024.

*Имзоҳои Ҳошимова Г.Г., Шаропов Ш.А., Ализода Ш. ва С.Ғаффороваро тасдиқ менамоям.*

*Сардори РК ва КМ МДТ «ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров"* — *Ҳусейнова З.С.*

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС